*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14) E-mail: faridullo72@mail.ru*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, ҷонишини декан оид ба таълими факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, Тешаев Мирзошариф Саидҷафарович ба диссертатсияи Зуҳуров Бахтиёр Искандарович дар мавзуи «Истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ ҳамчун омили рушди иктисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Тасдиқ мекунам, ки диссертатсияи Зуҳуров Бахтиёр Искандарович дар мавзуи «Истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)» дар заминаи шиносномаҳои ихтисосҳои соҳаи илмҳои иқтисодӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, № 6) аз рӯйи ихтисоси 08.00.03- Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ таҳия шудааст. Диссертатсия ба бандҳои 2,9, 16, 19 ва 25-и Шиносномаи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар шароити муосир механизми истифодабарии сарватҳои табиӣ ҳамчун инъикоси имкониятҳои молиявии рушди давлат, менеҷменти ширкатҳо, хоҷагиҳои хонаводагӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ васеъ истифода бурда мешаванд. Таваҷҷуҳи илмӣ ба омӯзиш ва мазмуни иқтисодии иқтидори сарватҳои табиӣ ба хусусиятҳои хоси механизми самараноки истифодабарии он дар рушди иқтисодиёти минтақа дар шароити муосир ва инчунин равишҳои консептуалии назариявии донишмандону олимони соҳа вобаста мебошад.

Ҳамин аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикисҷтон дар самти самаранок истифодабарии сарватҳои табиӣ ва корхонаҳои коркарди он корҳои зиёдеро анҷом дода, дар ин ҷода ба комёбиҳои назаррас низ ноил гардидааст. Яъне

самаранокии истифодабарии сарватхои табий дар минтақа ҳама вақт тахти назорат ва танзими давлат қарор дорад. Амалӣ гардонидани стратегия, консепсия ва барномаҳои соҳавию лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд далели воқеии муваффақиятҳо ва кӯшишҳои давлату Ҳукумати Тоҷикистон дар ин самт мебошанд.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар қатори самтҳои афзалиятноки рушди иқтисоди миллӣ дар солҳои оянда инчунин оид ба истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ вазифа ба миён гузошта шудааст. Мувофиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, инкишоф ва истихроҷи маъданҳои фоиданок (тилло, нуқра, сангҳои қиматбаҳо ва ғайра) яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисод ба шумор меравад.

Мавриди зикр аст, ки саҳми корҳои олимони ватанӣ дар таҳқиқи назария ва амалияи ошкор намудани истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ дар шароити имрӯза, ошкор намудани омилҳои таъсиррасон ба истифодабарии сарватҳои табиӣ дар минтақа, роҳҳои такмилдиҳӣ ва танзими давлатии истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ дар минтақа хеле зиёданд, вале дар ин самт ҳанӯз ҳастанд мушкилиҳое, ки ба таври бояду шояд ҳалли пурраи худро наёфтаанд. Аз он ҷумла, дар корҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ мушкилоти ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии сарватҳои табиӣ, бунёди шароитҳои мусоид ва мустаҳкамгардонии базаи моддию техникӣ барои фаъолияти самаранок истифодабарии сарватҳои табиӣ дар минтақаҳои кишвар, хусусан вилояти Хатлон, низоми идоракунии онҳо, истифодаи таҷрибаи давлатҳои пешрафта дар ин самт, масоили арзёбии самаранокии иқтисодӣ ва муайянкунии самтҳои рушди корхонаҳо дар ин самт ҳамаҷониба таҳқиқ нашудаанд. Мубрамият ва мавҷудияти мушкилоти номбурда, тақозои ҳалли онҳо дар сатҳи назариявию услубӣ ва амалӣ интихоби мавзуъ, объект ва предмети таҳқиқро муайян карда, гузориши ҳадаф ва мақсадҳои рисолаи илмиро асоснок намудаанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дар таҳқиқи диссертатсионии муаллиф як қатор навгониҳо, дастовардҳои илмӣ, тасдиқот ва хулосаву пешниҳодҳо оварда шудаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо дар матни бобу зербобҳои диссертатсия инъикос ёфта ва натиҷагирӣ шудаанд. Ба фикри инҷониб, ба сифати муҳимтарин унсурҳои навгонии илмии таҳқиқи диссертатсионӣ инҳо баромад мекунанд:

- Дар диссертатсия таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию услубии иқтисодии истифодабарии сарватҳои табиӣ анҷом дода шуда, дар асоси таҳқиқ ва омӯзиши адабиёти ватанию хориҷӣ таърифи муаллифии истифодаи самараноки иқтидори табиии кишвар пешниҳод шудааст, ки он барои қиёсу натиҷагириҳои унвонҷӯёни оянда метавонад ҳамчун далели илмӣ хизмат намояд;
- Мавриди зикр аст, ки унвонҷӯ дар кори диссертатсионии худ аз таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ истифода карда, роҳҳои ташкилу самтҳои афзалиятноки фаъолияти онҳоро таҳқиқ намудааст. Дар асоси ин таҳқиқ самтҳои асосии истифодабарии сарватҳои табиӣ, истифодаи самараноки онҳо ва таъсири онҳоро ба таъмини рушди босубот тавсия намудааст. Аз назари мо омӯзиш ва ба инобат гирифтани пешниҳодоти диссертант аз ҷониби роҳбарони корхонаҳои мавриди таҳқиқ ба мақсад мувофиқ мебошад;
- Муаллиф дар асоси таҳқиқу омӯзиш ва арзёбӣ сарватҳои табиии минтақа чун омили рушди иқтисодиёти вилояти Хатлонро таҳлил намуда, имкониятҳои рақобатпазирӣ ва иқтидори калони табиии онро пажуҳиш намудааст;
- Диссертант дар таҳқиқи илмии худ вазъи кунунии истифодабарии иқтидори вилояти Хатлонро ҳамаҷониба ва дақиқу саҳеҳ арзёбӣ намуда, тамоюлҳои рушди соҳаи мазкурро муайян ва мушкилоти онро ошкор сохтааст;
- Ҳамчунин усулҳои арзёбии иқтисодии экологӣ ва таъсири он ба таъмини ҳифзи муҳити зист ва самаранокии истифодаи иқтидори табиию захиравии минтақаро, ки дар натиҷаи омӯзиш ва арзёбии ҷанбаҳои назариявию амалӣ асоснок гардидаанд, аз муваффақиятҳои муаллиф ҳисобидан мумкин аст;

Дар хотимаи рисолаи илмӣ унвонҷӯ тавсия ва пешниҳодоти аз нигоҳи илмӣ асоснокшударо оид ба самтҳои асосии истифодабарии захираҳои табиӣ дар вилояти Хатлон бо назардошти таҷрибаи андӯхтаи ватанию хориҷӣ коркард намудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосахо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия илман асоснок буда, мазмун ва моҳияти онҳо пурра аз таҳқиқ, таҳлил ва арзёбии масоили дар матни диссертатсия баррасишуда бармеоянд. Оид ба дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ қайд кардан лозим аст, ки асоси онҳоро сарчашмаҳои оморӣ ташкил медиҳанд. Ҳамчунин, муаллиф маълумоти субъектҳои хоҷагидориро аз минтақаи мавриди тахкик баходихӣ намуда (маълумоти истифодашуда бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ тасдиқ гардидаанд), хулоса ва натиҷагирӣ кардааст. Маҳз

ҳамин маълумот ба муаллиф имкон додааст, ки оид ба масоили рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ, аз ҷумла минтақаи агросаноатии Кӯлоб хулосаҳои воқеӣ ва тавсияҳои илман асоснок таҳия намояд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи он.** Аз таҳлилу баррасии маводи диссертатсияи Зуҳуров Бахтиёр Искандарович натиҷагирӣ намудем, ки таҳқиқи илмӣ дорои аҳаммияти илмии назаррас буда, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллифи диссертатсия барои рушди самаранок истифодабарии сарватҳои табиии вилояти Хатлон ҳамчун асосҳои услубӣ ва амалӣ хизмат карда метавонанд.

Мавриди зикр аст, ки муқаррароти асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқи диссертатсионӣ дар шакли маъруза ва мақолаҳо дар конфронсҳо, семинарҳои илмӣ ва илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ баррасӣ ва чоп шудаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Аз ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ Зуҳуров Бахтиёр Искандарович бармеояд, тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш мутобиқат менамояд. Мавзуъ ва ихтисоси довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба талаботи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Тамоми марҳилаҳои иҷрои нақшаи таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асоснокунӣ, мақсад, вазифаҳо ва баррасии аҳаммиятнокии онҳо бо иштироки бевоситаи диссертант анҷом пазируфтааст. Чунин равиш ва натиҷаву хулосабарориҳо ба унвонҷӯ имкон додааст, ки доир ба масъалаҳои ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ тавсия ва пешниҳодҳои илман асоснокро иброз дорад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи пешниҳодшуда номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашударо фаро мегирад. Матни умумии диссертатсия 180 саҳифаро ташкил дода, дорои 8 расм, 3 диаграмма ва 19 ҷадвал мебошад. Татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ дар бобҳо ва зербобҳои алоҳида мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор гирифтаанд, ки тавсифи онро дар алоҳидагӣ иброз доштан мумкин аст.

**Дар боби аввали диссертатсия** «Ҷанбаҳои илмии истифодабарии сарватҳои табиӣ дар шароити муносибатҳои бозорӣ» мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки унвонҷӯ бештар ба масъалаҳои моҳияти иқтисодии истифодабарии сарватҳои табиӣ дар шароити бозор, масъалаҳои истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ дар иқтисодиёти миллӣ, ҷанбаҳои иқтисодии истифодабарии сарватҳои табиӣ дар кишварҳои хориҷӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, (саҳ. 13-53).

**Дар зербоби 1.1**. унвонҷӯ ифроз медорад, ки ташкили боигарии табиӣ ва

истифодабарии самараноки онҳо дар шароити минбаъда барои илми муосири иқтисодӣ воситаи муҳимми сиёсати иқтисодӣ ба шумор меравад.

Ба ақидаи муаллиф, захираҳои табиӣ ва истифодаи онҳо ин, пеш аз ҳама, таъсири мутақобилаи ҷомеа ва табиат ба шумор меравад. Дар ин ҷо сухан дар бораи ҳама гуна фаъолияти инсон меравад, ки бо истифодаи захираҳои табиӣ ва тағйирёбии ҳолати муҳити табиӣ алоқаманд мебошад.

Барои идоракунии саривақтӣ ва босифати табиат зарур аст дар равандҳои истифодабарии сарватҳои табиӣ бояд тавре муносибат намуд, ки муҳити зист зарар набинад, балки ҳамчун сармояи табиӣ ва иқтидори калони кишвар қисми тамоми сармоя эътироф шавад. Диссертант дуруст қайд мекунанд, ки идора ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ пайвастагии мутаносиби тараққиёти иқтисодию иҷтимоӣ дар заминаи омӯхтан ва муҳофизат намудани шароиту сарватҳои табииро талаб мекунад, (саҳ.24).

**Дар зербоби 1.2**. муаллифи рисола масъалаҳои истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ дар иқтисодиёти миллиро мавриди арзёбӣ қарор дода, қайд намудааст, ки истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ ин истифодаи захираҳои фоиданок аз истеъмоли беасоси онҳо мебошад. Ба ҷиҳатҳои асосии истифодаи самарабахши сарватҳои табиӣ зарурати истифода ва такрористеҳсолкунии захираҳо бо мақсади нигоҳ доштани онҳо, зарурати роҳ надодан ба истифодаи зиёдатии онҳо маҳсуб меёбад, (саҳ.26).

Арзёбии иқтисодии захираҳои табиии Тоҷикистон як пажуҳишест, ки барои арзёбии арзиши иқтисодии манобеи табиии Тоҷикистон анҷом мешавад. Ин таҳлили захираҳо хок ва дигар сарватҳои табииро дар бар мегирад. Арзёбии иқтисодии захираҳои табиӣ ба қабули қарорҳо оид ба истифода ва ҳифзи захираҳои табиӣ дар Тоҷикистон мусоидат мекунад (саҳ,32).

**Дар зербоби 1.3.** унвонҷӯ барои беҳтар истифода бурдани сарватҳои табиӣ дар Тоҷикистон як қатор пешниҳодҳо, аз ҷумла арзёбии иқтидори табиии мавҷудбуда ва тартиби истифодабарии онҳо, сиёсати оптималии ҳифзи сарватҳои табииро пешниҳод намуда, қоидаҳои истифодаи захираҳои табииро барои пешгирӣ намудани таъсири зараровар ба муҳити зист муқаррар ва танзим кардан, таъмини воситаҳои молиявӣ барои идоракунии мутобиқсозии захираҳои табиӣ эҷоди роҳҳои алтернативии истифодабарии захираҳои табиӣ ва монанди инҳо намуда аст (саҳ, 53).

**Дар боби дуюми диссертатсия** «Таҳлили истифодабарӣ ва арзёбии иқтисодии иқтидори сарватҳои табиӣ дар вилояти Хатлон» ном гирифта, дар он арзёбии иқтисодии иқтидори сарватҳои табиӣ дар минтақа, таҳлили омилҳои таъсиррасон ба истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ дар минтақаи Хатлон, арзёбии иқтисодии экологӣ ва таъсири истихроҷи сарватҳои табиӣ ба рушди минтақа мавриди баҳодиҳӣ ва таҳлил қарор гирифтаанд (саҳ, 53-101).

**Дар зербоби 2.1**. муаллиф қайд мекунад, ки дар ҳудуди вилояти Хатлон захираҳои муҳимми канданиҳои фоиданок, аз ҷумла нафту газ, ангиштсанг, селестин, тилло, намак ва сангӣ, гаҷ, қуму шағал, оҳаксанг, доломит, стронсий ва дигар маъданҳо муайян гардидаанд. Аз ҷумла, дар минтақаи Балҷувон яке аз калонтарин конҳои нафту газ — кони Бештентак ҷойгир шудааст, ки захираи он ба 2,7 миллион тонна нафт ва 2,5 миллиард метри мукааб газ мерасад (саҳ, 69).

Таҳлилҳои муаллиф нишон дод, ки 63 фоизи захираҳои нафтӣ дар вилояти Хатлон буда, аз онҳо 9 фоизи захираҳои нафт аз худ карда шудаанд. Ба ақидаи мутахассисон, дар минтақаи Кӯлоб захираҳои зиёди газ низ мавҷуд аст Дар водиҳои дарёҳои Панҷ, Сурхоб, Яхсу низ конҳои тиллои гафсонӣ мавҷудан (саҳ. 70).

**Аз рӯйи таҳқиқи дар зербоби 2.2.** маълум гашт, ки омилҳои таъсиррасон ба истифодаи самараноки захираҳои табиӣ дар минтақа инҳо маҳсуб меёбанд: омилҳои инфрасохторӣ, омилҳои технологӣ, омилҳои экологӣ, омилҳои иқтисодӣ, омилҳои ҷуғрофӣ, омилҳои сиёсӣ, омилҳои ҳуқуқӣ (саҳ. 76). Ба ақидаи муаллиф аз байни ин омилҳо, омилҳои иқтисодӣ аз ҳама муҳимтар буда, татбиқи онҳо барои истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ заминаи устувор мегузорад. Омилҳои иқтисодӣ ба монанди талаботи бозор ба захираҳои табиӣ ва арзиши иқтисодии онҳо дар истифодаи онҳо нақши муҳим доранд (саҳ. 78).

**Дар зербоби 2.3.** муаллиф иброз медорад, ки аз нуқтаи назари ин мавқеъ, дар шароити кунунӣ самаранок ба роҳ мондани истифодаи оқилонаи бойигарии табиӣ бо дарназардошти риояи меъёрҳои экологӣ барои кишвари

мо ҳамчун шарти муҳимми ташаккулёбии иктисодиёти сабз маҳсуб меёбад (саҳ. 92). Бояд қайд кард, ки проблемаи бехатарии экологӣ дар минтақа дар баробари бехатарии иқтисодӣ барои аҳолӣ ва умуман кишвар, яке аз самти афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ дар шароити тағйирёбии иқлим ба шумор меравад.

**Боби сеюми диссертатсия** «Мукаммалнамоӣ ва танзими давлатии истифодабарии сарватҳои табиӣ дар вилояти Хатлон» унвон гирифта, роҳҳои такмилдиҳии истифодабарии захираҳои табиӣ дар вилояти Хатлон, танзими давлатии истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ дар минтақа илман асоснок карда шудааст.

**Дар зербоби 3.1.** муаллиф иброз медорад, ки суръати афзоиши тадбирҳои муҳофизати муҳити зист ҳозир аз суръати таназзули он хеле ақиб мемонад. Чун қоида, иқтисодиёт дар экосистема ҳар қадар амиқтар ҷойгир шуда бошад, ҳар қадар фишори бештаре ба он берун аз имкониятҳои экосистема мерасонад, чунин номувофиқат ҳамон қадар харобиовартар мегардад (саҳ, 105). Муҳаққиқ дуруст таҳқиқ кардааст, ки беҳтар намудани истифодаи захираҳои табиӣ дар минтақа муносибати маҷмуӣ ва татбиқи якчанд стратегияҳои асосиро талаб мекунад. Истифодаи технологияи навтарин ва навоварӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо заминаи устувор мегузорад (саҳ, 15).

**Дар зербоби 3.2**. масъалаҳо оиди танзими давлатии истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ дар минтақа баррасӣ шуда, унвонҷӯ қайд кардааст, ки дар танзим дар соҳаи захираҳои табиӣ мисли дигар тадбирҳои давлатӣ низ ба таъмини адолати иҷтимоӣ нигаронида шудааст (саҳ, 116). Дар шароити имрӯза танзим кардани истифодаи сарватҳои табиӣ мисли дигар тадбирҳои давлатӣ бо мушкилиҳои глобалӣ, чун тағйирёбии иқлим, устувории захираҳои об ва ҳифзи табиат, аҳаммияти бештар пайдо мекунад.

Танзими оқилонаи истифодаи бойигарии минтақаҳо имконият медиҳад, ки таъсири он ба мушкилоти экологӣ дар миқёси глобалӣ танзим ва таҳти назорат қарор дода шавад (саҳ. 117).

**Дар зербоби 3.3.** муҳаққиқ иброз медорад, ки фаъолгардонии равандҳои сармоягузорӣ, барои тамоми самтҳои иқтисодӣ бахусус, барои истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ нақши калидиро иҷро мекунанд. Албатта, ҷалби сармоягузорӣ, аз тарафи дигар, аз таъмини рушди босуботи иқтисодӣ вобастагии калон дорад (саҳ.136).

Дар қисмати хулоса ва тавсияҳо натиҷаҳои асосии кори илмӣ, пешниҳодҳои мушаххас оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо муайян ва асоснок гардидаанд.

Дар баробари муваффақиятҳои дар боло зикргардида, бартарияти кори диссертатсионии унвонҷӯ дар хулосаҳо ва тавсияҳо низ ба мушоҳида мерасанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Интишороти муаллиф нуктаҳои асосӣ, навгониҳо, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия дарҷгардидаро фарогир буда, дар маҷмуъ аз рӯйи мавзуи диссертатсия 7 мақолаҳои илмии муаллиф, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Мутобиқатии автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсияи илмӣ.** Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои ба нашррасонидаи унвонҷӯ мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошад ва ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, корҳои интишоркардаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашударо дар худ таҷассум мекунад.

Таҳқиқи диссертатсионии унвонҷӯ дорои арзиши воқеии илмӣ мебошад ва дар баробари муваффақиятҳо дар он камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо моҳияти илмию амалии таҳқиқи ояндаи муаллифи рисоларо беҳтар мегардонад:

1. Қисмати мубрамияти мавзуи таҳқиқро бисёр ба маврид мебуд, аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва дигар барномаҳои давлатии соҳавӣ асоснок мекард;

2. Дар зербоби 1.3, ки сухан сари масъалаи ҷанбаҳои иқтисодии истифодабарии сарватҳои табиӣ дар кишварҳои хориҷӣ меравад, бояд мушаххасан мавриди таҳлил қарор бигирад, то ин ки кадом таҷрибаи кишварҳо ба шароити кишвари мо хос мебошад ва кадом дастовардҳои пешқадами онро дар шароити ҷумҳурии мо амалӣ кардан ба мақсад мувофиқ ва имконпазир аст;

3. Дар зербоби 2.2. новобаста аз он ки миқдори муайяни омилҳои таъсиррасон ба истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ дар минтақаи Хатлон таъсирбахш мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд, ба омили технологии ин раванд диққати камтар дода шудааст;

4. Дар зербоби 2.3. муаллиф арзёбии иқтисодии экологӣ ва таъсири истихроҷи сарватҳои табиӣ ба рушди минтақаро таҳлил

кардааст. Бисёр бамаврид мебуд, дар доираи як ҷадвал таҳлил намудани ҳаҷми истихроҷи тилло дар вилояти Хатлонро мавриди арзёбӣ қарор медод;

5. Дар зербоби 3.3. самтҳои афзалиятноки ҷалби сармоягузорӣ дар истифодабарии иқтидори табиии минтақа номгузорӣ карда шудааст, аммо роҷеъ ба сармоягузории иқтидорҳои табиии минтақа ягон хел таҳлилҳо гузаронида нашудааст;

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои номбурда ба арзиш ва мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсири манфӣ намерасонад. Аз ин рӯ, аз назари инҷониб, таҳқиқи мазкур кори илмии ба итмомрасида ва дорои арзиши илмӣ дошта буда, навгониҳои илмию амалиро дар худ инъикос менамояд.

**Хулосаи умумӣ доир ба диссертасия.**

Таҳлилу баррасии диссертатсияи Зуҳуров Бахтиёр Искандарович дар мавзуи «Истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст, таҳқиқи илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси мазкур мебошад.

**Муқарризи расмӣ:** номзади илмҳои
иқтисодӣ, муовини декан оид таълими
факултети молиявию иқтисодии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи А. Рӯдакӣ **Тешаев М.С.**

Имзои **Тешаев М.С.-ро** тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ **Давлатов М.А.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735360,
ш. Кӯлоб, кӯч. С. Сафаров, 16.
Тел: (+992) 918 293830,
Почтаи электронӣ: teshaev86 @bk.ru